**Суратмаҷлиси №29**
**Маҷлиси шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.KOA-048-и назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз «07» июни соли 2025 ш.Бохтар

**Иштирок доштанд:** аз 19 нафар аъзои шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ 18 нафар иштирок дофранд (1 нафар ба таври маҷозӣ), мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия 5 нафар.

Ҷаласаи шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.KOA-048 7- уми июни соли 2025, дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор гардид.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А.Э.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои педагогӣ, Ҳасанов Ш.Р.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзоёни шурои диссертатсионӣ аз 19 нафар аъзои шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.KOA-048, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.01.2025 таҳти №5/ҳя тасдиқ гардидааст, 18 нафар иштирок доранд (аз ҷумла 1 нафар ба таври маҷозӣ), ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Кворум ҳаст, ҳамин тавр мувофиқи Низомнома дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз кунад. Оиди оғози кори Шуро чигуна пешниҳод аст? Пешниҳод шуд, ки кори ҷаласаи

Шуро кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Кӣ тарафдори чунин пешниҳод аст? Тарафдорон- 18 нафар. Зид- нест. Бетараф- нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ҳимояи якдафъаинаи ошкорои рисолаи номзадии Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ» аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05- Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ).

Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии довталаби дарёфти дараваи илмӣ: Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров».

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Каримзода Мирзо Бадал** – доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**2. Сангинзод Дониёр Шомаҳмад** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ».

## БАРОМАД НАМУДАНД:

**1. Раиси шуро:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А.Э. кори шурои диссертатсиониро оғоз намуд.

**2. Котиби илмии шуро:** номзади илмҳои педагогӣ Ҳасанов Ш.Р. маълумотҳои мухтасарро дар бораи унвонҷӯ қироат намуд.

**3. Унвонҷӯ:** Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна мазмуни мухтасари диссертатсияро баён кард.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзоёни шуро Комилӣ А.Ш., Холиқзода А.Ғ., Файзализода Б.Ф., Шерматов Д.С., Мавлоназаров С.С., Абдураҳимзода Қ.С. ва Маҷидов Ҳ. ки вобаста ба мавзуи диссертатсия буданд, ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ **Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» шунида шуд.

**Тақризи муассисаи пешбар** МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба диссертатсияи Бобоҷонова С.Р. бо имзои раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ мудири кафедраи умумидонишгоҳи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ н.и.п., дотсент Назаров Ҳотам Сафарович., эксперт, н.и.п., дотсент Лоиқов Парвиз Ҷумахонович, ва котиби ҷаласа Расулова Нодира омода гардида бо имзои муовини ректори донишгоҳ оид ба илм ва инноватсия н.и.п., и.в. дотсент Рафиев С.А. аз 30- юми апрели соли 2025 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021,

тахти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.08.05- Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти касбӣ), сазовор мебошад.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

1. **Каримзода Мирзо Бадал** – доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.
2. **Сангинзод Дониёр Шомаҳмад –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Баромад ва тақриз ба автореферат:**

Ҳамчунин ба шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-048 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Бобоҷонва С.Р. ворид шудаанд:

1. Искандаров Зайниддин Ҳамидович –профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.
2. Хашимова Дилдархон Уринбаевна. – н.и.п., дотсент, и.в. профессори кафедраи забон ва адабиёти ӯзбеки Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошкент ва Ниёзова Насиба Журабековна – н.и.п., дотсент, и.в. профессори кафедраи забон ва адабиёти ӯзбеки Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошкент. Тақриз мусбат аст.
3. Абдусамадова Мунира Абдуғафоровна – н.и.п., дотсенти кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.
4. Қобилов Валӣ Абдураҳимович – н.и.п., дотсенти кафедраи таҷҳизот ва технологияи мошинсозии факултети электромеханикаи Донишкадаи кухию металургии Тоҷикистон. Тақриз мусбат мебошад.

Ҳамаи тақризҳои воридшуда мусбат буда, баъзе пешниҳодҳо, ки дар ин тақризҳо қайд шудаанд хусусияти тавсиявӣ доранд.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Бобоҷонва С.Р. пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ Бобоҷонва С.Р. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.05- Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти касбӣ) сазовар мебошад.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии унвонҷӯ шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати 3 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ: профессор Файзализода Б.Ф., профессор Раҷабов Т.Б. ва дотсент Ойматова Ҳ.Х. интихоб гардид. Комиссия овозиҳии пинҳониро баргузор намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ 18 аъзои шуро иштирок намуданд (аз ҷумла як нафар ба таври маҷозӣ), ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм-мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравand.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдорон - 18 нафар, зид - нест, бюлетенҳои беэътибор - нест.

Ҷаласаи шурои **якдафъаинаи** диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05- Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) **тақризи мусбати** муқарризон, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқи бандҳои 93-94- и Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295)

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Бромад ва муҳокимаи диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05- Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) пешниҳод шудааст, баромади муқарризони расмӣ: **Каримзода Мирзо Бадал** – доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва **Сангинзод Дониёр Шомаҳмад –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, баромади муқарризони ғайрирасмӣ, аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи муҳокимашаванда, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** Шуро оид ба диссертатсия ба инобат гирифта шаванд.

2. Автореферат ва маводи илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

3. Ба Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05- Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 –

Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05- Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ)- ро дастгирӣ намуда, барои ба Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна додани дипломи дараҷаи илмии номзади илм мусоидат намояд.

Ки тарафдори чунин қарори шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ мебошад? Хоҳишмандем овоз диҳед. Тарафдорон: 18 нафар. Зид: нест. Бетараф нест. Якдилона қабул шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Сатторов А.Э.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҳасанов Ш.Р.**
“_07_” ___06___ 2025

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав ҶМ Исозода Т.И.